**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**ВБД:9 (575.3)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АСОМУДДИНИ АБДУЛМУМИН**

# ТАЪРИХНИГОРИИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ВА СУЛҲИ ТОҶИКОН (солҳои 1992-2000)

**Автореферати**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

**Душанбе – 2024**

Диссертатсия дар Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Ғафуров Абдулло Мутиллоевич,** номза илмҳои таърих, дотсент, мудири Шуъба таърихи навтарини Институтитаъри бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба ном Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳо Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Набизода Ваҳоб Машраб** – доктори илмҳо таърих, профессори кафедраи таърихи халк тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба ном академик Бобоҷон Ғафуров |
| | **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна** – номза илмҳои таърих, дотсент, муовини декан оид б таълими факултети таърих ва ҳуқук Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикисто ба номи С. Айнӣ |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носи Хусрав** |

Ҳимояи диссертатсия «28» июни соли 2024 соати $13^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–035, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute–history.tj) шинос шудан мумкин аст.

**Автореферат санаи “_____”____________с. 2024 тавзеъ шудааст**.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) ва раванди оштии миллии тоҷикон барои таъмини рушди ояндаи мамлакат аҳаммияти бузурги таърихию сиёсӣ дорад. Зеро дар ин давраи мудҳиши таърихи халқи тоҷик мамлакатро буҳрони шадиди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта, соҳаҳои асосии муҳимми иқтисодиёти мамлакат аз фаъолият бозмонданд. Дар охири соли 1992 хоҷагии халқи мамлакат дар як ҳолати ногувор қарор дошт. Эҳтимолияти аз ҷумҳурӣ ҷудо шудани вилояти Ленинобод ба миён омад. Роҳбарияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон масъалаи табдили вилоятро ба ҷумҳурии мухтор пешниҳод кард. Дар маҷмуъ, хавфи ҳамчун давлати мустақил ва соҳибистиқлол аз байн рафтани Тоҷикистон падид омада буд. Хушбахтона, маҳз дар ҳамин давраи ҳассос нерӯҳои сулҳофар, созмонҳои бонуфӯзи байналмилалӣ, давлатҳои кафили минтақа ва умуман, ақлҳои солим тавонистанд, ки мамлакатро аз парокандагӣ эмин доранд ва садҳо ҳазор шаҳрвандони сарсону саргардонро ба ҳаёти осоишта бозпас гардонанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX-ро таҳлил намуда, дар яке аз Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар онро чунин арзёбӣ намуданд: «Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишвари моро аз масири пешрафт чандин даҳсола ақиб партофт ва мардуми Тоҷикистонро маҷбур сохт, ки барои бартараф кардани харобию хисороти он солҳо заҳмати шабонарӯзӣ ва мушкилоту монеаҳои басо гаронро таҳаммул намоянд. ... Қариб даҳ соли истиқлолият тамоми нерӯ ва талоши Ҳукумати кишвар барои барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ ва рукнҳои давлатдорӣ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар фирориён, барқарорсозии баъдиҷангӣ, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ равона гардид». Дар ҳақиқат, даҳсолаи охири асри XX барои Тоҷикистон, ки ба тозагӣ соҳибистиқлол гардида буд, давраи басо мушкил ва ҳассос маҳсуб меёбад. Бар асари бархӯрди сиёсии нерӯҳои мухолифи дохилӣ ва омилҳои берунӣ дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки боиси ба давлати Афғонистони ҳамсоя ва дигар кишварҳои хориҷӣ, асосан давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ фирор намудани гурӯҳе аз аҳолии кишвар гардид. Қисми дигари аҳолии кишвар барои пайдо намудани макони боамн дар дохили мамлакат ҷойи зисти доимии худро тарк намуданд. Мамлакатро буҳрони шадиди сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ фаро гирифта буд. Махсусан, нокифоягии маводи озуқа эҳсос карда мешуд. Тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фалаҷ гардида, мамлакатро хатари парокандагӣ таҳдид мекард”[1].

Гуфтушунидҳои ҷонибҳои мухолиф бо мушкилот ва душвориҳои зиёд баргузор гардида, таъмини сулҳу салоҳ ва якпорчагии кишвар бо машаққат ва

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22-юми декабри соли 2016. [Маводи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/13739.

бурдбориҳои нерӯҳои сулҳофар амалӣ мегардид. Бояд зикр кард, ки ин мушкилот аксаран ба таври сунъӣ ба амал омада, ҳадафи монеа эҷод кардан ба сулҳи тоҷиконро пайгирӣ менамуданд. Бинобар ин, таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда роҷеъ ба раванди омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдат имкон медиҳад, ки оид ба масоили норавшан ва номуайяни воқеаҳои хунини мамлакат хулосаҳои дуруст бароварда шуда, сабабҳои воқеӣ ва паёмадҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин роҳу усулҳо ва умуман механизми дастёбӣ ба сулҳу субот муайян карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки дар раванди ба мусолиҳа овардани ҷонибҳои даргир, анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини сулҳу субот дар радифи нерӯҳои сулҳхоҳи дохилӣ, инчунин нерӯҳои берунӣ, аз ҷумла як қатор давлатҳои минтақа ва созмонҳои бонуфӯзи минтақавию байналхалқӣ низ саҳми борриз гузоштаанд. Дар ин самт, бахусус Созмони Милали Муттаҳид, Федератсияи Россия ва давлатҳои собиқ шуравии Осиёи Марказиро ёдрас шудан бамаврид аст. Зеро вусъат ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ ва умуман бесуботӣ дар Тоҷикистон ба манфиати ин кишварҳо набуд. Вале, мутаассифона, бояд тазаккур дод, ки кишварҳое низ вуҷуд доштанд, ки аз нооромии Тоҷикистон манфиатдор буданд ва бо ҳар роҳу васила боиси муташанниҷ шудани вазъи сиёсии кишвар мегардиданд. Аз ин нуқтаи назар низ омӯзиши амиқ ва таҳлили ҳамаҷонибаи рӯйдодҳои сиёсии даҳсолаи охири асри XX хеле муҳим буда, бисёр масоили ҳалталаби таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷиконро равшан менамояд. Аз ин рӯ, тадқиқи равандҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX, ки дар адабиёти илмӣ, ёддоштӣ, публисистӣ ва матбуоти даврӣ ҳадалимкон инъикос гардидаанд, мубрам ва саривақтӣ буда, аҳаммияти таърихӣ ва илмию амалӣ дорад.

Илова бар ин, нуктаҳои зерин низ, ба назари мо, мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқ қарордоштаро ташкил медиҳанд:

1. Таърихнигории таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва паёмади фоҷиабори он, инчунин гуфтушуниди байни тоҷикон ва истиқрори сулҳу субот то имрӯз мавриди таҳқиқоти маҷмӯӣ қарор нагирифтааст.
2. Масоили таҳаввулоти сиёсӣ ва заминаҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, ки дар адабиёти илмӣ инъикос гардидаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор нагирифтаанд.
3. Мушаххас намудани дараҷаи тадқиқи ҷанги шаҳрвандӣ ва муайян кардани паҳлуҳои омӯхтанашудаи он.
4. Муайян намудани сатҳи омӯзиши раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва сабақҳои ибратомӯзи он ҷиҳати рушди минбаъдаи ҷомеаи тоҷикон.
5. Тадқиқи масоили таҷассуми истифодаи таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон дар муноқишаҳои низомии кишварҳои ҷаҳон.
6. Таҷассуми масоили умдаи таърихи сиёсии солҳои 90-уми асри XX дар осори Сарвари давлат.
7. Омӯзиши инъикоси нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тадқиқи масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар

таърихнигории миллӣ.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Перомуни мавзуи мавриди таҳқиқ то ҳанӯз таҳқиқоти маҷмӯӣ ба анҷом нарасидааст. Вале, хушбахтона, асарҳои бунёдию дастаҷамъӣ, асару мақолоти зиёди илмӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва рисолаҳои илмӣ, ҳам дар таърихнигории ватанӣ ва ҳам хориҷӣ таълиф гардидаанд, ки масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дар ин замина паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷиконро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Осори чопшударо шартан ба тариқи зайл метавон гуруҳбандӣ кард: китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, осори муҳаққиқони хориҷӣ, диссертатсияҳо ва авторефератҳо.

Проблемаҳои асосии таърихи сиёсии даврони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китоб, мақола, суханрониҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар[2], ки дар онҳо масоили гуногуни таърихи солҳои 90-уми асри ХХ, аз ҷумла таназул ва фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, марҳалаҳо ва раванди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, заминаҳо ва омилҳои дохилию берунии сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳалаҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с. 1992-1997), давраҳои асосии музокироти миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, таъсис ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таҷассум ёфтаанд, инъикос шудаанд.

Дар асарҳои дастаҷамъонаи «Таърихи халқи тоҷик»[3], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[4], «Бунёди давлатдории навин»[5], «Таджикистан в огне»[6] ва асарҳои муҳаққиқони зиёди ватанӣ, аз ҷумла Г.Ҳ. Ҳайдаров,[7] И. Усмонов,[8] А.Холиқзода,[9] Н.М. Назаршоев,[10] Р. Масов,[11] Ҳ. Пирумшоев,[12] Д.

---

[2] Рахмон, Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Раҳмон, Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

[3] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. – 688 с.

[4] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн]. – Душанбе, 2016. – 436 с.

[5] Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. – С.286-287.

[6] Таджикистан в огне / составители А. Руденко, А. Сорокин. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 288 с.

[7] Хайдаров, Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа / Г.Х.Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993; Хайдаров, Г.Х. История таджикского народа: ХХ век / Г.Х.Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров, Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана / Г.Х.Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.

[8] Усмонов, И. Таърихи сиёсии Точикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.; Усмонов, И. Соли Набиев / И.Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с.

[9] Холиқзода, А. Таърихи сиёсии тоҷикон / А. Холиқзода. – Душанбе, 1994; Холиқзода, А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997.-193 с.

[10] Назаршоев, Н.М. Военная история Таджикистана / Н.М.Назаршоев. – Душанбе: Матбуот, 2002.

[11] Масов, Р. Пазорная страница в нашей истории / Р.Масов // Актуальные прблемы историографии и истории таджикского народа. – Душанбе, 2005. – С. 185-192.

[12] Пирумшоев, Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? / Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 112 с.

Назриев ва И. Сатторов,[13] Ғ. Ғоибов[14], Н.Б. Ҳотамов,[15] Р. Абулҳаев,[16] Ш. Султонов,[17] Т. Назаров,[18] Ҳ. Зарифӣ,[19] А. Шарифзода,[20] Ф. Абдурашитов,[21]

[13] Назриев, Д. Республика Таджикистан: история независимости / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.- 337 с.

[14] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006.– 906 с.

[15] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[16] Абулҳаев, Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 38-46; Абулҳаев, Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С. 47-110.

[17] Султонов, Ш. Тоҷикон дар маҷрои воқеаҳои таърихи наву навтарин (Посух ба таҳрифкорони таърихи Тоҷикистон) / Ш.Султонов. – Душанбе, 2017. – 500 с.; Султонов, Ш.М. Демонтаж СССР: Великая катастрофа XX-го столетия. Таджикистан на пороге гражданской войны (1990 – 1991 гг.) / Ш.М.Султонов. - Худжанд: Хуросон, 2014. - 505 с.; Султонов, Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 639 с.

[18] Назаров, Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. - Минск, 2002.; Назаров, Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н.Назаров. - Душанбе, 2003.; Назаров, Т.Н. Таджикистан:экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество / Т.Н.Назаров. - Душанбе, 2004.; Назаров, Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. - Душанбе, 2007.; Назаров, Т.Н. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность (проблемы и суждения) / Т.Н.Назаров. - Душанбе 2013.; Назаров, Т. Современная дипломатия Таджикистана / Т.Н.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе, 2006.

[19] Зарифи, Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010.; Зарифӣ, Ҳ. Дипломатияи Точикистон: дирӯз ва имрӯз (Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня) / Ҳ.Зарифӣ. - Душанбе: Офсет, 2010. – 352 с.

[20] Шарифзода, А. Президент / А.Шарифзода, С. Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.; Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон…(10 ҷилд) / А.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода, А. Пайвандгар / А.Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода, А. 7 соли Эмомалӣ Раҳмон / А.Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 336 с.

[21] Абдурашитов, Ф.М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148 с.

В.М. Набиев,[22] А. Ғафуров,[23] Ш.С. Саъдиев,[24] А. Мамадазимов,[25] С. Кобилова,[26] Б. Шокиров[27] ва ғайраҳо масоили гуногуни марбут ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, раванди гуфтушунидҳо ва истиқрори сулҳу субот таҷассум ёфтаанд, ки ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти таърихнигорӣ манбаи арзишманд маҳсуб меёбанд. Илова бар ин осори муҳаққиқони ватаниро, ки бевосита ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшида шудаанд, ба ин гурӯҳ шомил кардан мумкин аст[28]. Аз ҷумла, мақолаи муҳаққиқ М. Равшанзод[29] ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ бахшида шудааст. Вале, мутаассифона, мавсуф бо таҳлили чанд асари ёддоштӣ ва китобҳои дарсӣ иктифо намуда, ба назари мо, масоили асосии марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), аз қабили заминаҳо ва омилҳои дохилӣ ва берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, санаи оғози ҷанг, даврабандӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ накардааст.

Муҳаққиқ Ҷ. Мирзоев дар монографияи худ осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, ки таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро инъикос кардаанд, ба таври маҷмӯӣ таҳлили таърихнигорӣ намуда, зимни он ба

---

[22] Набиев, В.М. Давлат ва ҳизбҳои сиёсиву ҳаракатҳои ҷамъиятии мухолиф аз муқовимат ба ҳамкорӣ / В.Набиев. – Душанбе. - 2001. – 26 с.; Набиев, В.М. Сулҳофарии тоҷикон / В.Набиев. – Хуҷанд: Хуросон. 2007. – 31 с.; Набиев, В. Самараи ризоият: Ба 10-солагии Истиқлолияти Давлатии Тоҷикистон / В. Набиев, А.Мухторов. – Душанбе. 2001. – 36 с.; Набиев, В.М. Оштии миллӣ ва ризоияти кафили рушди устувори Точикистон / В.М.Набиев. - Душанбе: Шарки озод, 2002. - 39 с.

[23] Гафуров, А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М. Гафуров [Электронный ресурс]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (дата обращения: 01.02.2019).

[24] Саъдиев, Ш.С. Таджикистан: путь к миру и согласию / Ш.С.Саъдиев. - Душанбе, 2002. – 28 с.; Саъдиев, Ш.С. О некоторых особенностях «таджикской» модели урегулирования внутренних конфликтов. Таджикистан и современный мир / Ш.С.Саъдиев // Вестник Центра стратег. исслед. при Президенте РТ. - 2004. - № 1(4). – С.37-38.; Саъдиев, Ш.С. Вклад Миссии наблюдателей ООН в Таджикистане в мирном урегулировании межтаджикского конфликта / Ш.С.Саъдиев // Маводхои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «20-солагии аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид». 2-3 марти с. 2012. – Душанбе, 2013, – С. 58-64 (тоҷ.)– С. 204-210 (русӣ), – С. 341-346 (анг.).; Саъдиев, Ш.С. Аз таҷрибаи таърихии музокироти тоҷикон оид ба сулҳсозӣ дар Тоҷикистон / Ш.С.Саъдиев // Осор. Ҷилди 4. – Душанбе, 2017. – с. 419-475.

[25] Мамадазимов, А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 1996.-180 с.; Мамадазимов, А. Политическая история таджикского народа / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 360 с.

[26] Кобилова, С. Мифы о «застое» и «всеобщей нищете» / С. Кобилова. – Худжанд, 2007. – 27 с.; Кобилова, С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С. Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – 96 с.

[27] Шокиров, Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Точикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б.Шокиров, А.Маҳмадкаримов. -Душанбе, 1994.

[28] Равшанзод, М. Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон / М. Равшанзод // Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон. – 2016. - №3/1 (194). – С. 65-68; Мирзоев, Ҷ.А. Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / Ҷ.А. Мирзоев. – Душанбе, 2020. – 228 с.; Рахимов, Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.–60 с.

[29] Равшанзод, М. Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон / М. Равшанзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - №3/1 (194). – С. 65-68.

масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ, аз қабили заминаҳо ва сабабҳои дохилию берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, даврабандӣ ва оқибатҳои ин воқеаи мудҳиш, инчунин раванди музокироти миёни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дахл кардааст[30]. Вале бо мӯҷиби он, ки таҳқиқоти ӯ маҳз ба ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон ихтисос дода нашуда, балки таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба таври маҷмӯӣ баррасӣ менамояд, баъзе масоили марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон, аз ҷумла тадқиқи масоили ба бунбасти иқтисодӣ мувоҷеҳ гардидани вилояти Кӯлоб, баррасии инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдат аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ, тадқиқи инъикоси нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар хотимаёбии ҷанг ва ғайра аз мадди назари муҳаққиқ дар канор мондааст.

Ба ин гурӯҳ, инчунин асарҳои ёддоштӣ ва публисистиро дохил кардан мумкин аст. Ба ақидаи муаррих Сайфулло Муллоҷонов ин гуна таълифотро таҳқиқоти илмӣ номидан нодуруст мебуд, зеро муаллифони онҳо ёддоштҳо ва ҳисиёти хешро ба қалам дода, ҳар кадоме ба ҳодисаҳои рӯхдода аз нигоҳи худ баҳо додаанд[31]. Ҳадафи таълифи ингуна асарҳо танҳо инъикоси воқеаҳои дида ва шунида буда, муаллифон заминаҳо, омилҳо, сабабу натиҷаҳо ва аҳамияти воқеаҳоро пурра мавриди таҳқиқ қарор надодаанд. Ба ин гурӯҳ мавод ёддоштҳои А. Соҳибназаров[32], С. Кенҷаев[33], Н. Дӯстов[34], Б. Каримов[35], Х. Насриддинов[36], М. Амиршо[37], С.А. Нури[38], Ҳ. Тураҷонзода[39] ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз бисёр ҷиҳат муаллифони ин рисолаҳо аз ҳақиқати таърихӣ дур шуда, бештар ба ситоиши фаъолияти ҳизбу созмонҳои хеш ва сиёҳ кардани ҳарифони сиёсии худ машғул мешаванд.

Ба гурӯҳи дигар осори муҳаққиқони хориҷиро, ки паҳлуҳои мухталифи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷиконро инъикос кардаанд, дохил кардан мумкин аст. Ин осорро, ба назари мо, метавон ба ду қисм – тадқиқоти

---

30 Мирзоев, Ҷ.А. Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / Ҷ.А. Мирзоев. – Душанбе, 2020. – 228 с.

31 Кто напишет правду о войне в Таджикистане? // [Маводи электронӣ]. http//stanradar.com/news/list/rubrik/nationalsecurity.

32 Соҳибназаров, А. Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; Соҳибназаров, А. Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе, 2000. – 310 с.

33 Кенҷаев, С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев, С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1994. – 496 с.; Кенджаев, С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.

34 Дӯстов, Н. Захм бар ҷисми Ватан: Хотира ва андешаҳо / Н. Дӯстов.– Душанбе: Ирфон, 1994. – 336 с.

35 Каримов, Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Б. Каримов. – М.: ТОО «Можайск – Терра», 1995.- 192 с.; Каримов, Б.Б. Фарёди солҳо / Б.Б. Каримов. – М.: Трансдорнаука, 1997, – 1104 с.

36 Насриддинов, Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.

37 Амиршо, М. Раненные страницы / М. Амиршо. – М., 2001. – 304 с.

38 Нурӣ, С.А. Оштинома / С.А. Нурӣ. – Душанбе: Нодир, 2001. – 360 с.

39 Тӯраҷонзода, Ҳ. А. Миёни обу оташ тарҳи сулҳ андохтем / Ҳ. А. Тӯраҷонзода. – Теҳрон, 1998. – 65 с.

муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ ва тадқиқоти муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур ҷудо намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси таърихи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон муҳаққиқон аз Федератсияи Россия ва умуман кишварҳои ИДМ саҳми бориз доранд. Масалан, дар таҳқиқоти В. И. Бушков ва Д.В. Микулский[40], С. В. Махонина[41], Б. В. Белов[42], А. Гушер[43], М. Хрусталев[44], Н. В. Солоник[45], В. Носов[46], Р. Бобохонов[47] таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, рафти ҷанг ва оқибатҳои мудҳиши он, инчунин зуҳур ва ташаккулёбии низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ, бояд маводи гирдовардаи онҳо бо истифодаи усули муқоисавӣ бо маълумотҳои муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар омӯзиши воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур низ саҳм гирифта, паҳлӯҳои гуногуни таърихи сиёсӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандиро дар асару мақолоти хеш таҷассум кардаанд. Ба ин гурӯҳ мақолаҳои Кэтрин Барнс[48], Ширин Акинер[49], Оливье

---

[40] Бушков, В.И. О некоторых аспектах межнациональных отношений в Таджикской СССР / В.И. Бушков. – М., 1990; Бушков, В.И. Таджикское общество на рубеже тысячелетий / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков, В.И. Таджикистан: что происходит в республике / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1993; Бушков, В.И. Общественно-политическая ситуация в Таджикистане: январь 1992 г. / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков, В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996. – 160 с.; Бушков, В.И. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1994. – 310 с.

[41] Махонина, С. В. Военно-политическое сотрудничество между Россией и Таджикистаном в 1993-1999 годы / С.В.Махонина. – Душанбе, 1999.- 168 с.

[42] Белов, Б. В. Россия и межтаджикское урегулирование / Б.В.Белов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарқи озод, 1998.-156 с.

[43] Гушер, А. Война и мир в современном Таджикистане /А.Гушер // Азия и Африка сегодня. – 1998. - №3. – С. 6-13.

[44] Хрусталёв, М. Гражданская война в Таджикистане: истоки и перспективы / М. Хрусталёв. – М., 1997. – 74 с.

[45] Солоник, Н.В. Страницы эпохи распада СССР: гражданская война в Таджикистане / Н.В. Солоник // Вестник Пермского государственного технического университета. – Пермь, социально-экономические науки. – 2011. - №11. – С. 25-41.

[46] Носов В. Гражданская война в Таджикистане / В. Носов. - М. – 2012. – 76 с.

[47] Бобохонов, Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3; Бобохонов, Р.С. Некоторые вопросы историографии Таджикистана нового и новейшего времени / Р.С. Бобохонов. – М., 2012. – 82 с.

[48] Барнс, К. От войны к политике / К. Барнс, К. Абдуллоев // Аккорд. Выпуск 10. – Лондон, 2001. - С. 8-16.

[49] Акинер, Ш. Гражданская война в Таджикистане: причины и динамика / Ш. Акинер, К. Барнс // Аккорд. Выпуск 10. – Лондон, 2001. - С. 18-26.

Руа[50], Елена Ригачи Хей[51], Ранда Слим ва Гарольд Сондерс[52] ва ғайраҳоро дохил кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи дигар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, аз қабили И.Р.Абдуллоев[53], А.Абдуқодиров[54], Р.Бобоҷонова[55], А.А.Муродов[56], М.Ганҷакова[57], Д.Урунова[58], Ғ.Р. Мирзоев[59], М. Равшанзод[60], У.А. Бобоҷонова[61], Р.Х. Мирзоев[62], Ҷ.А. Мирзоев[63], В.В. Дронов[64], О. Х. Шарафиева[65], И.Х. Афандихонов[66], А.В. Архангельский[67], В.В. Егозарян[68]

---

[50] Руа, О. Межрегиональная динамика войны / О. Руа // Аккорд. Выпуск 10. – Лондон, 2001. - С. 27.

[51] Хей, Е.Р. Методология межтаджикского переговорного процесса / Е.Р. Хей // Аккорд. Выпуск 10. – Лондон, 2001. - С. 48-55.

[52] Слим, Р. Межтаджикский диалог; от гражданской войны к гражданскому обществу / Р. Слим, Г. Сондерс // Аккорд. Выпуск 10. – Лондон, 2001. - С. 56-60.

[53] Абдуллоев, И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х - начале 90-х годов: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / И.Р. Абдуллоев. – Худжанд, 2000. – 179 с.

[54] Абдукадыров, А. Освещение общественно-политической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы (1990-1995гг.) : автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / А. Абдукадыров. – Душанбе, 1997. – 24 с.

[55] Бободжанова, Р. Освещение политической жизни Таджикистана на страницах периодической печати России (1990-1995 гг): автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Р.М. Бободжанова. – Худжанд, 1998. – 22 с.

[56] Муродов, А.А. Освещение политической ситуации Таджикистана 1989-1997 гг. в периодической печати Республики: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / А.А. Муродов. – Душанбе, 2004. – 24 с.

[57]Ганджакова, М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г. Ганджакова. – Душанбе, 2015. – 213 с.

[58] Урунова, Д.А. Становление новой политической структуры в Республике Таджикистан, 1991-1997гг.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Д.А. Урунова. – Душанбе, 1998. – 26 с.

[59] Мирзоев, Г.Р. Преодоление конфликтной ситуации в Республике Таджикистан. Россия и восстановление мира (90-е годы XX века): дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / Г.Р. Мирзоев. – М., 2004. – 192 с.

[60] Равшанзод, М. Гражданское противостояние и миротворческий процесс в Республике Таджикистан в 90-е годы XX века.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / М. Равшанзод. – Душанбе, 2019. – 26 с.

[61] Бабаджанова, У.А. Российско-таджикские отношения в 90-е годы XX века: автореф. дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук: 07.00.15 / У.А.Бабаджанова. - М., 2006. – 26 с.

[62] Мирзоев, Р.Х. Специфика и закономерности таджикско-российских миграционных процессов: дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / Р.Х.Мирзоев. - Душанбе, 2006. – 192 с.

[63] Мирзоев, Ҷ.А. Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол: дисс… номзади илмҳои таърих: 07.00.09 / Ҷ.А. Мирзоев. Душанбе, 2020. – 212 с.

[64] Дронов, В.В. Международное содействие становлению политической системы независимого Таджикистана: автореф. дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / В.В. Дронов.- М. – 2011. – 26 с.

[65] Шарафиева, О.Х. Гражданская война в Таджикистане (1990-1997гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / О. Х. Шарафиева. – Томск, 2010. – 242 с.

[66] Афандихонов, И. Х. Правовые основы военного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / И.Х.Афандихонов. - М., 2006. – 26 с.

[67] Архангельский, А.В. Международно-правовые основы обеспечения коллективной безопасности государств-участников СНГ: автореф. дисс. ... канд. юрид. наук / А.В.Архангельский. –М., 2003. - 25 с.

[68] Егозарьян, В.В. Военно-политическое сотрудничество России со странами СНГ как фактор интеграции: дис. ...на соиск. уч. степ.  канд. полит, наук / В.В.Егозарьян. - М., 2001. – 189 с.

дохил кардан мумкин аст, ки дар онҳо масоили гуногуни марбут ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, раванди гуфтушунидҳо ва истиқрори сулҳу субот таҷассум ёфтаанд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ *(давраи муосир)»* барои солҳои 2020-2025 ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯии таърихнигории рӯйдодҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX дар тӯли солҳои 1991-2021 маҳсуб меёбад.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

-таҳлили таърихнигории асару мақолаҳои илмии ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшидашуда;

- мушаххас намудани сатҳи инъикоси заминаҳо ва сабабҳои сар задани рӯйдодҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон дар осори муҳаққиқон, таҳлили таърихнигорӣ ва баҳогузории илмӣ ба онҳо;

- муайян намудани дараҷаи инъикоси Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти таърихии он ҷиҳати таҳкими унсурҳои давлатдории миллии тоҷикон дар асару мақолаҳои муаррихон, сиёсатмадорон ва донишмандони соҳа;

- тадқиқи масоили инъикоси даврабандии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар осори муҳаққиқон;

- муайян намудани дараҷаи инъикоси натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва тарғиби таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ва таҳлили таърихнигории онҳо;

- таҳлили раванди танзими мунокишаи байни тоҷикон ва механизми дастёбӣ ба сулҳу субот;

- муайян намудани дараҷаи инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва роҳҳои расидан ба сулҳи комил.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, маҳсуб меёбанд.

**Предмети таҳқиқот** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар адабиёти илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва асарҳои ёддоштии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

**Чаҳорчӯбаи хронологии** тадқиқот солҳои 1992- 2000-ро фаро мегирад. Вале ба мӯҷиби ба тариқи густурда инъикос намудани ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон мо таҳқиқотро аз омӯзиш ва таҳлили таърихнигории адабиёти

инъикоскунандаи раванди таҳаввулоти сиёсии охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум, ки бар асари “бозсозии горбачёвӣ” ба вуқуъ пайваста, заминасози ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 маҳсуб меёбад, оғоз намудем.

Давраи таҳқиқотии мазкур бо таҳлили таърихнигории адабиёти инъикоскунандаи воқеоти сиёсии соли 2000, яъне ба поён расидани фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва расидан ба сулҳи комил анҷом мепазирад.

**Асоси назариявӣ – методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба амсоли таърихияти илмӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар асоси усули муқоисавӣ - таърихӣ таҳқиқи осори муҳаққиқони даврони истиқлолият дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла даврони шӯравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо анҷом дода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масоили мазкур муайян шуда, равандҳои сиёсии якдигарро ивазкунанда, ки таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро таркиб додаанд, таҳқиқ гардидаанд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот мавод ва таълифоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки бевосита ба омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, гуфтушуниди миёни тоҷикон, созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла асарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, маводи Бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои нашршуда, маҷмӯи мақолаҳо оид ба масоили умдаи таърихи сиёсӣ, ки дар маҷалаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд, ба ҳисоб мераванд.

Сарчашмаҳоеро, ки дар раванди таҳқиқот истифода гардидаанд, шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии ташкилоту муассисаҳои гуногун (муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ), маводи Бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои нашршуда ва маҷмӯи мақолаҳо оид ба масоили умдаи таърихи сиёсӣ, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти таърихнигории таърихи ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), музокироти байни тоҷикон ва истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Илова бар ин, нуктаҳои зерини илмӣ низ навгониҳои таҳқиқотро ташкил медиҳанд:

- асару мақолаҳои илмии ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшидашуда ба доираи таҳлили таърихнигорӣ фаро гирифта шуданд;

- сатҳи инъикоси заминаҳо ва сабабҳои сар задани рӯйдодҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар

Тоҷикистон дар осори муҳаққиқон мушаххас гардида, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтанд ва ба онҳо баҳои илмӣ дода шудааст;

- дараҷаи инъикоси Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти таърихии он ҷиҳати таҳкими унсурҳои давлатдории миллии тоҷикон дар асару мақолаҳои муаррихон, сиёсатмадорон ва донишмандони соҳа муайян гардидааст;

- масоили инъикоси даврабандии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон дар осори муҳаққиқон таҳлил ва баррасӣ гардидааст;

- дараҷаи инъикоси натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва тарғиби таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ муайян шуда, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтааст;

- раванди танзими муноқишаи байни тоҷикон ва роҳҳои расидан ба сулҳу суббот аз ҷиҳати таърихнигорӣ таҳлил гардидааст;

- дараҷаи инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва роҳҳои расидан ба сулҳи комил муайян шудааст.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- таҳлили таърихнигории адабиёти илмии давраи баррасишаванда ба хулосае меорад, ки роҷеъ ба таҳаввулоти сиёсӣ ва заминаҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) шумораи зиёди таҳқиқоти муаррихон, сиёсатшиносон ва журналистон бахшида шуда, дар онҳо бозсозии ҷомеаи Тоҷикистон, таназул ва фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, таҳаввулоти сиёсӣ, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав, бархӯрди сиёсии нерӯҳои гуногун арзёбӣ мегардад;

- омӯзиш ва ҷамъбасти адабиёти марбут ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷанги шаҳрвандӣ бо оқибатҳои мудҳиши худ, бешубҳа, рӯйдоди мураккаб ва вазнини охири асри ХХ буда, дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ҳадалимкон инъикос гардидааст. Вале адабиёти мавҷуда бештар хусусияти ёддоштӣ доранд ва ё дар заминаи матбуоти даврии замони ҷанги шаҳрвандӣ ба табъ расида, ҳамаи паҳлуҳои ин ҳодисаи фоҷиаборро фаро намегиранд;

- таҳлили таърихнигории адабиёти илмӣ ва публисистии мавҷуда аз он далолат мекунад, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаи ниҳоят муҳим буда, аҳаммияти бузурги таърихӣ дорад. Зеро иҷлосияи мазкур дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ дигаргунии куллӣ ба миён оварда, оғози марҳалаи нави давлатдории тоҷикон маҳсуб меёбад. Тамоми сохтори идории давлат маҳз аз ин иҷлосия ибтидо мегиранд;

- даврабандии таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории тоҷик яке аз масоили мубрам ва ҳалталаб ба ҳисоб рафта, дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ то андозае инъикос гардидааст. Аз таҳлили таърихнигории осори мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳанӯз ҳам дар таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, аз ҷумла даврабандии ин фоҷиаи мудҳиш саҳифаҳои норавшан зиёданд ва муҳаққиқонро лозим меояд, ки ҷиҳати омӯзишу баррасии ин масоил ҷаҳд намоянд;

-тадқиқ ва таҳлили адабиёти илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди музокироти байни тоҷикон ва дастёбӣ ба сулҳу субот дар ҷаҳони муосир

намунаи беҳтарини ҳалли мунокишаҳо маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад. Аз ин рӯ, ин раванд дар мунокишаҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифтааст. Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, ки марҳилаи хотимавии раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҳисоб меравад, рушди минбаъдаи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистонро таъмин карда, ояндаи миллат ва давлати тоҷиконро муайян намуд;

- ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ зарурати баргузор намудани гуфтушунидҳои тарафҳои бо ҳам муқобил ба миён омада буд. Зеро бо роҳи муборизаҳои мусаллаҳона ҳал намудани ин низои сиёсии байни тоҷикон ғайриимкон буд. Ягона роҳи барқарор кардани сулҳу субот дар кишвар музокироти байни ҷонибҳои мухолиф буд, ки дар тӯли солҳои 1994-1997 баргузор гардиданд;

- Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид, натиҷаи 8 даври гуфтушуниди байни тоҷикон буда, ба марҳалаи нави таърихӣ ибтидо гузошт. Созишномаи мазкур ташкили Комиссияи оштии миллиро ба нақша гирифта буд, ки 4 июли соли 1997 бо фармони Президенти кишвар дар ҳайати 26 нафар аз ду ҷониб таъсис дода шуд. Вазифаи ниҳоди мазкур дар амал татбиқ намудани қарору паймонҳои созишнома маҳсуб меёфт. Бояд таъкид кард, ки фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ марҳилаи охирини расидан ба сулҳи комил маҳсуб меёфт.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2021), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол” васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ –тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиони**ро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили таърихнигории маводҳои мавҷуда таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар

асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди сиёсӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 10 аз 01 декабри соли 2023) муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 181 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 304 номгӯй) таркиб ёфтааст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ муайян шудааст. Илова бар ин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – "**Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ**" унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум - "**Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон, заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигорӣ**" таъкид мегардад, ки дар замони «бозсозӣ» ҳаракатҳои миллӣ, гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ ва истиқлолиятхоҳӣ дар

тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ боиси пайдоиши матбуоти озод гардид ва он бо кӯмаку дастгирии сармоядорон пурқувват шуда, нисбат ба матбуоти марказии ҳизбӣ ва дигар нашриёҳои расмӣ обрӯйи хоса касб намуд.

Диссертант дар такя ба таҳқиқоти муҳаққиқ Ҷ. Мирзоев қайд менамояд, ки раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои бешумор ва мақсаду мароми онҳо, нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти ҷамъият, ташакулёбии бисёрҳизбӣ дар шароити Тоҷикистон, характер ва махсусиятҳои рақобати байниҳизбӣ ва муборизаи онҳо баҳри ба даст даровардани ҳокимият аз ҷониби муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла "Ҳ.Пирумшоев,[69] Д.Назриев ва И. Сатторов,[70] И. Усмонов,[71] А. Холиқзода,[72] Ғ. Ғоибов[73], Ҷ. Ниёзов,[74] Н.Б.Ҳотамов,[75] Р.Набиева,[76] Н.Ҳакимов,[77] Н.Давлатбеков,[78] Б. Шокиров,[79] Ш.Д. Шабдолов, М. Диноршоев, И. Каландаров ва Т. Каримов,[80] А. Достиев,[81] Г.Х. Хайдаров,[82] Ш.М.Султонов,[83] И. Каландаров,[84] инчунин асарҳои бунёдии «История таджикского народа»[85], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[86] ва

[69] Пирумшоев, Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? // Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 112 с.

[70] Назриев, Д. Республика Таджикистан: история независимости / Д.Назриев, И.Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.-337 с.

[71] Усмонов, И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003, - 178 с.

[72] Холиқзода, А. Таърихи сиёсии тоҷикон / А.Холиқзода. – Душанбе, 1994; Холиқзода, А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А.Холиқзода. – Душанбе, 1997.-182 с.

[73] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов.- Душанбе, 2006. - 906 с.

[74] Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.10.2021.

[75] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[76] Набиева, Р.Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – 328 с.

[77] Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳакимов.- Душанбе: Ирфон, 2008.- 492 с.

[78] Давлатбеков, Н. Таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Давлатбеков. Душанбе, 2011. – 367 с.

[79] Шокиров, Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б.Шокиров, А.Маҳмадкаримов. -Душанбе, 1994. – 50 с.

[80] Шабдолов, Ш.Д. Материалы по истории Компартии Таджикистана (1991-1996 гг.) / Ш.Д.Шабдолов, Диноршоев М., Каландаров И., Каримов Б. и др. - Душанбе, 1996.

[81] Достиев, А. Мавқеъ / А.Достиев. - Душанбе: Шарки озод, 1999. – 294 с.

[82] Хайдаров, Г.Х. История таджикского народа: XX век /Г.Х. Хайдаров.- Худжанд, 2003. - 508 с.

[83] Султонов, Ш.М. Демонтаж СССР: Великая катастрофа XX-го столетия. Таджикистан на пороге гражданской войны (1990 – 1991 гг.) / Ш.М.Султонов. - Худжанд: Хуросон, 2014. - С.189-230; Султонов, Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – С. 536-569.

[84] Каландаров, И. Шоди Шабдолов - лидер коммунистов Таджикистана / И.Каландаров. - Душанбе, 2003.

[85]История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011. – Т.6. – С.438-488.

[86] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

«Бунёди давлатдории навин»[87] хеле амиқ инъикос гардидааст”.[88] Тибқи маълумоти ин манбаъҳои зикршуда нахустин ҳизбе, ки дар солҳои 90-уми асри XX созмон ёфт, Ҳизби демократии Тоҷикистон буд. Муҳаққиқони номбурда санаи таъсисёбии ҳизби демократиро 10 августи соли 1990 арзёбӣ кардаанд. Раиси Ҳизби демократии Тоҷикистон ходими илмии шуъбаи фалсафаи АИ ҶТ Шодмон Юсуф интихоб шуд. Ҳизби демократии Тоҷикистонро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон 21 июни соли 1991 ба қайд гирифт. Вале, мутаассифона, ҳизби мазкур дар ҳаводиси сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX ширкати фаъол дошта, боиси бесуботӣ ва номуътадилии вазъи сиёсии ҷумҳурӣ гардид. Аз ин рӯ, бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21июни соли 1993 фаъолияти Ҳизби демократии Тоҷикистон қатъ гардид.

Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон дар оғози солҳои навадуми асри XX аз фаъолияти махфӣ ба фаъолияти ошкоро гузашт. Ҳарчанд ин ҳизб дертар ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, аммо муассисони он даъво доштанд, ки ин ҳизб аз соли 1987 ба шакли шуъбаи тоҷикистонии Ҳизби наҳзати умумииттифоқ амал мекунад. Ҳамин тавр, дар як муддати кӯтоҳ, то соли 1991 исломи сиёсӣ хеле фаъол гашт ва барои инкишоф ва афзудани пайравони он аз Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон зиёда аз 100 ҳазор нусха китоби «Қуръон» фиристода шуд. Китобҳо аз тарафи қозиёти Тоҷикистон ба мардум фурӯхта шуда, маблағи он барои сохтмони масҷиду мадрасаҳо истифода гашт.[89]

Ҳамин тавр, дар заминаи сиёсати “бозсозӣ”-и Горбачёвӣ, ки аз моҳи апрели соли 1985 роҳандозӣ гардид, ҳаракатҳои миллӣ, гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ, истиқлолиятхоҳӣ ва матбуоти озод ба вуҷуд омаданд, ки ба вазъи сиёсии Тоҷикистон бетаъсир намонданд. Дар натиҷаи ин таҳаввулоти сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳизбу созмонҳо, аз қабили «Растохез», «Ҳизби наҳзати ислом», «Ҳизби демократии Тоҷикистон», созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон, «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайраҳо таъсис ёфта, боиси нооромии сиёсии кишвар гардиданд. Ҳизбу созмонҳо вазъи буҳронии оммавиро дар ҷумҳурӣ аз ноуҳдабароии ҲК ва роҳбарони Ҳукумат дониста, бо ҳар баҳона ба хотири ба даст овардани хокимият ба фишороварии ҲК ва роҳбарияти ҷумҳурӣ даст заданд, ки барои ба вуҷуд омадани қувваҳои мухолифи худ дар оянда замина гузоштанд.

Зербоби дуюми боби якум, ки **“Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ»** номгузорӣ шудааст, ба масоили таҳаввулоти сиёсӣ, таъсири ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ ба вазъи сиёсии кишвар, фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар санаи 9 сентябри соли 1991, ки оғози марҳалаи нави таърихӣ – эъмори давлатдории

---

[87] Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. – 416 с.
[88] Мирзоев, Ҷ. Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол: дисс. номзади илмҳои таърих: 07.00.09 / Ҷ. Мирзоев. – Душанбе, 2020. – С.28.
[89] Каримова, О. Политическое состояние Таджикистана в 90 –е годы XX в. - Худжанд, 2007. - С. 11.

миллӣ маҳсуб меёбад, инчунин оғози ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳо ва паёмадҳои фоҷиабори он бахшида шудааст. Бояд изҳор дошт, ки маҳз дар оғози ин давра равандҳои демократикунонӣ ҷомеаро фаро гирифта, арзишҳои идеологӣ ва фарҳангии миллӣ эҳё гардиданд. Давраи соҳибистиқлолӣ бо муқовимати сиёсӣ оғоз ёфта, тадриҷан ба муқовимати мусаллаҳона мубаддал гардид.

Лозим ба зикр аст, ки таҳаввулоти сиёсии ибтидои солҳои 90-ум, ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳо ва паёмадҳои фоҷиабори он дар осори муҳаққиқони зиёд ва донишмандони соҳа инъикос ёфтаанд. Вале, ба андешаи муҳаққиқ Ҷ. Мирзоев "солҳои аввали даврони истиқлол, ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), сабабҳо, рафт ва оқибатҳои он, пеш аз ҳама, дар гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[90] амиқу возеҳ инъикос гардидаанд,"[91]ки мо низ бо муҳаққиқ ҳамфикрем.

Дигар китобҳои бунёдие, ки масоили марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар онҳо инъикоси равшан дорад, ҷилди шашуми «История таджикского народа»[92] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» ба ҳисоб мераванд. Бояд зикр кард, ки асарҳои мазкур сарчашмаҳои муҳим ҷиҳати омӯзиши даврони истиқлоли кишвар, аз ҷумла рӯйдоди сиёсии солҳои 90-уми асри XX маҳсуб меёбанд. Дар онҳо ба баъзе масъалаҳои баҳсноки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, аз қабили оғози ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, марҳилаҳои асосӣ ва пайомадҳои он, ки аз ҷониби муҳаққиқон гуногун арзёбӣ мегардиданд, баҳои воқеӣ дода шудааст. Масалан, муаллифони асарҳои мазкур, барҳақ воқеотеро, ки санаи 5 майи соли 1992 дар ҳудуди Оли Совети ноҳияи Ленин ва дар назди бинои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада буданд, оғози ҷанги шаҳрвандӣ меҳисобанд[93].

Мавриди зикр аст, ки воқеаҳои солҳои аввали даврони истиқлол, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, тазоҳуроти сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар асарҳои шоҳидони воқеаҳо низ инъикос ёфтаанд. Ба ин гуруҳ мавод ёддоштҳои А. Соҳибназаров[94], С. Кенҷаев [95], Н.

---

[90] Раҳмон, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ: Иборат аз се ҷилд /мураттиб С.Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷилди 1. (1992, ноябр – 1996, август). – 512 с.; Раҳмон, Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Рахмон, Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель», 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с.

[91] Мирзоев, Ҷ. Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол: дисс. номзади илмҳои таърих: 07.00.09 / Ҷ. Мирзоев. – Душанбе, 2020. – С.48.

[92] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 438-488.

[93] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т. 6. - С. 444.

[94] Соҳибназаров, А. Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; Соҳибназаров, А. Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе, 2000. – 310 с.

[95] Кенҷаев, С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев, С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон,

Дӯстов[96], Б. Каримов[97], Х. Насриддинов[98], М. Амиршо[99], С.А. Нури[100], О. Панфилов[101], Ҳ. Турақонзода[102] ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки ба ҷуз аз асарҳои ёддоштии зикршуда китобу монография ва мақолаҳои воқеан ҷанбаи илмидошта рӯйи кор омаданд, ки дар онҳо заминаҳо, сабабҳо, рафти ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон ба таври амиқу возеҳ инъикос гардидаанд. Масалан, дар монографияи Г. Ҳайдаров ва М. Иномов таҳти унвони "Таджикистан: трагедия и боль народа"[103] “вазъияти ҷумҳурии ҷавону мустақили Тоҷикистон, ки халқаш ғайри хоҳиши худ гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардида буд, инъикос шудааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ҳодисаҳоро сари вақт таҳлил карда, ҳақиқати ин фоҷиа, заминаҳои он, нерӯҳои ҳаракатдиҳанда ва гунаҳкорони асосиро ошкор созанд. Дар монография гунаҳкорони асосии фоҷиаи тоҷикон тасвир гардида, бо санадҳои амиқ омӯхташуда чеҳраҳои аслии онҳо нишон дода шудааст”.[104]

Бояд қайд кард, ки ба андешаи муҳаққиқ Ҷ. Мирзоев “аксари муҳаққиқони таърихи навини тоҷикон, аз ҷумла Г.Х. Ҳайдаров[105], И. Усмонов[106], Р. Абулҳаев[107], Ғ. Ғоибов[108], А Ғафуров[109] ва дигарон дар мавриди муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар

1994. – 496 с.;  Кенджаев, С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.

[96] Дӯстов, Н. Захм бар ҷисми Ватан: Хотира ва андешаҳо / Н. Дӯстов.– Душанбе: Ирфон, 1994. – 336 с.

[97] Каримов, Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Б. Каримов. –  М.: ТОО «Можайск – Терра», 1995.- 192 с.; Каримов Б.Б.  Фарёди солҳо / Б.Б. Каримов. – М.: Трансдорнаука, 1997, – 1104 с.

[98] Насриддинов, Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.

[99] Амиршо, М. Раненные страницы / М. Амиршо. – М., 2001. – 304 с.

[100] Нурӣ, С.А. Оштинома / С.А. Нурӣ. – Душанбе: Нодир, 2001. – 360 с.

[101] Панфилов, О. Горячие точки Таджикистана: журналисты на гражданской войне (1992 – 1997 гг.). Монография / О. Панфилов. – М: Права человека, 2003. – 564 с.

[102] Тӯраҷонзода, Ҳ. А. Миёни обу оташ тарҳи сулҳ андохтем / Ҳ. А. Тӯраҷонзода. – Теҳрон, 1998. – 65 с.

[103] Хайдаров, Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993. – 122 с.

[104] Возникновение и развитие общ…[Электронный ресурс]  / http: // cheloveknauka. com (дата обращения: 01.02.2019).

[105] Хайдаров, Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993. – 122 с.; Хайдаров, Г.Х. История таджикского народа: XX век. Учебник / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.;  Хайдаров, Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана. Монография / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2006. – 348 с.

[106] Усмонов, И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.

[107] Абулҳаев, Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 39.

[108] Ғоибов, Ғ.Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.

[109] Гафуров, А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М. Гафуров [Электронный ресурс]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (дата обращения: 01.02.2019).

Тоҷикистон ду омилро ҷудо кардаанд: омили берунӣ ва дохилӣ"[110]. Ба ақидаи онҳо омили дохилии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) тезутунд шудани масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, қабл аз ҳама афзоиши аҳолӣ дар шароити норасоии замин, афзалият доштани кишти пахта, рушди нобаробари минтақаҳо, роҳандозии сиёсати ғалати кадрӣ, ки манфиати намояндагони баъзе минтақаҳоро нодида мегирифт ва боиси вусъат пайдо кардани падидаи номатлуби маҳалгароӣ гардида буд, маҳсуб меёбад. Муҳаққиқони мазкур қазияи Афғонистонро яке аз омилҳои асосии берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ медонанд[111].

Ҳамин тавр, баъд аз таҳлилу баррасии адабиёти мавҷуда ба хулосае расидан мумкин аст, ки роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқоти фаровон рӯйи кор омадааст. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ин ҳодисаи сиёсӣ-низомӣ амиқ омӯхта нашудааст.

Дар зербоби сеюми боби якум - **"Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ»** таъкид мегардад, ки дар инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи муҳаққиқони ватанӣ муҳаққиқон ва коршиносони хориҷӣ, ки дар осори онҳо паҳлуҳои мухталифи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон инъикос гардидааст, саҳми борриз доранд. Ин осорро, ба назари мо, метавон ба ду қисм – тадқиқоти муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ ва тадқиқоти муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур ҷудо намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳаққиқони ИДМ, аз ҷумла муаррихони Россия саҳми бориз доранд. Масалан, таҳқиқоти В. И. Бушков ва Д.В. Микулский[112], А. Гушер[113],

---

[110] Мирзоев, Ҷ. Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол: дисс. номзади илмҳои таърих: 07.00.09 / Ҷ. Мирзоев. – Душанбе, 2020. – С.57.

[111]Ғоибов, Ғ.Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – С.714.

[112] Бушков, В.И. О некоторых аспектах межнациональных отношений в Таджикской ССCР / В.И. Бушков. – М., 1990; Бушков, В.И. Таджикское общество на рубеже тысячелетий / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков, В.И. Таджикистан: что происходит в республике / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1993; Бушков, В.И. Общественно-политическая ситуация в Таджикистане: январь 1992 г. / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков, В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996. – 160 с.; Бушков, В.И. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1994. – 310 с.

[113] Гушер, А. Война и мир в современном Таджикистане /А.Гушер // Азия и Африка сегодня. – 1998. - №3. – С. 6-13.

М. Хрусталев[114], Н. В. Солоник[115], Р.Бобохонов[116], В.В.Дронов[117] ва В.Носов[118], ки дар онҳо зуҳур ва ташаккулёбии низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд, ҷиҳати омӯзиши масоили мазкур хеле муҳим ва арзишманданд. Аз ин рӯ, бояд маводи гирдовардаи онҳо бо истифодаи усули муқоисавӣ бо маълумотҳои муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шаванд.

Диссертант қайд менамояд, ки дар монографияҳои муаррихони рус В.И. Бушков ва Д.В. Микульский «Анатомия гражданской войны в Таджикистане" ва "Таджикская революция и гражданская война( 1989-1994 гг.)»[119] бештар ба ҷанбаҳои этникӣ ва иҷтимоии воқеоти сиёсии Тоҷикистони ибтидои солҳои 90-уми асри XX таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Бар асоси ҷанги шаҳрвандӣ онҳо муборизаи манфиатҳои табақавӣ-минтақавиро, ки шаклҳои гуногунро касб карда буд, қарор додаанд. Бо назардошти ин нукта, муҳаққиқи воқеоти сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX - И.Р.Абдуллоев ба хулосае омадааст, ки аксар олимони россиягӣ ба ҷанбаҳои бархӯрди сиёсӣ бештар аз нигоҳи зиддияти қавмӣ ва муборизаи минтақаҳо баҳогузорӣ карда, ба муборизаи назарҳои наву пешоҳанг бо ақоиди кӯҳна кам таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.[120]

Ҳамин тариқ, шарҳи сарчашмаҳои ба мавзуъ марбутбуда, имкон медиҳанд ба хулосае биёем, ки нисбат ба масъалаи равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони кишварҳои минтақа ва кишварҳои узви ИДМ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гаштааст ва гумон меравад, ки онҳо дар оянда низ ин масъаларо пайгирӣ намуда, равандҳои сиёсии Осиёи Марказиро ҳамаҷониба таҳлил менамоянд ва дурнамои ин равандҳоро баррасӣ хоҳанд кард.

Бояд тазаккур дод, ки воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX мавриди пажӯҳиш ва баррасии муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур низ қарор гирифтаанд. Таълифоти муҳаққиқони хориҷиро олими тоҷик Н.Т Раҳимов дар брошюрае таҳти унвони «Материалы к историографии гражданской войны в

---

[114] Хрусталёв, М. Гражданская война в Таджикистане: истоки и перспективы / М. Хрусталёв. – М., 1997. – 74 с.

[115] Солоник, Н.В. Страницы эпохи распада СССР: гражданская война в Таджикистане / Н.В. Солоник // Вестник Пермского государственного технического университета. – Пермь, социально-экономические науки. – 2011. - №11. – С. 25-41.

[116] Бобохонов, Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3; Бобохонов Р.С. Некоторые вопросы историографии Таджикистана нового и новейшего времени / Р.С. Бобохонов. – М., 2012. – 82 с.

[117] Дронов, В.В. Международное содействие становлению политической системы независимого Таджикистана: автореф. дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / В.В. Дронов.- М. – 2011. – 26 с.

[118] Носов, В. Гражданская война в Таджикистане / В. Носов. - М. – 2012. – 76 с.

[119] Бушков, В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский.– М., 1996.– 160 с.; Бушков, В.И. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1994. – 310 с.

[120] Абдуллоев, И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х - начале 90-х годов: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / И.Р. Абдуллоев. – Худжанд, 2000. – С. 5.

Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы»[121] (Маводҳо ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997): Тавсифи адабиёти хориҷӣ) ба таври умумӣ тавсиф кардааст. Ба ақидаи ӯ дар донишгоҳҳо ва марказҳои илмии ИМА муҳаққиқони зиёд, назири Даря Фейн, Ричард Фрай, Ҷон Шоберлейн-Энгел, Борис Румер, Марта Б. Олкотт, Иден Неби ва дигарон дар масоили таърих, фарҳанг, сиёсат ва иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ, хоса Тоҷикистон таҳқиқот гузаронидаанд. Таълифоти инъикоскунандаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 низ хеле зиёд аст.

Дар ин радиф бояд шумораи даҳуми маҷаллаи «Аккорд»-ро ёдрас шуд, ки соли 2001-ум ба табъ расидааст. Шумораи мазкури маҷалла аз маҷмӯи мақолаҳои муҳаққиқон ва мутахассисони хориҷӣ ва ватанӣ, аз ҷумла Кэтрин Барнс, Ширин Акинер, Оливе Руа, Камолуддин Абдуллоев, Саодат Олимова, Музаффар Олимов, Абдунабӣ Сатторзодаро, ки паҳлӯҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандиро инъикос кадаанд, таркиб ёфтааст. Ба ақидаи муаллифони мақолаи муқаддимавии маҷалла Кэтрин Барнс ва Камолуддин Абдуллоев[122] шумораи мазкури Аккорд ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми Тоҷикистонро дар заминаи санадҳои мавҷуда таҳқиқ намуда, мавқеи ҷонибҳои асосии низоъро муайян менамояд.

Бояд зикр кард, ки дар чор мақолаи шумора, аз ҷумла мақолаҳои И. Асадуллоев[123], С. Олимова ва М. Олимов[124], А. Сатторзода[125], Ш. Акбарзада[126] нерӯҳои асосии сиёсӣ, ки дар ҳаёти ҷамъиятии солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон мавқеи ҳукмронро соҳиб буданд, таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки “**Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ”** унвон дорад, ба масоили музокироти миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ бахшида шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якум - “**Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ**” таъкид мегардад, ки раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994 – 1997 аз ҷумлаи масоили муҳим ва мубрами илми таърихнигории миллӣ маҳсуб ёфта, дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва коршиносони соҳа қарор гирифтааст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки ягона роҳи ҳалли ҳама гуна бархӯрдҳои сиёсӣ, ҷангҳо ва муқовиматҳои мусаллаҳона гуфтушунид, музокироти миёни ҷонибҳои муқобили ҳам сангаргирифта ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки зарурати баргузор гардидани музокирот дар

---

[121] Рахимов, Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.–60 с.
[122] Барнс, К. От войны к политике / К. Барнс, К. Абдуллаев // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 8-16.
[123] Асадуллаев, И. Взгляды на войну и мирный прцесс Правительство Таджикистана / И. Асадуллаев // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 28-30.
[124] Олимова, С. Партия исламского возрождения / С. Олимова, М. Олимов // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 31- 33.
[125] Сатторзода, А. Демократическая партия / А. Сатторзода // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 34-36.
[126] Акбарзаде, Ш. Абдулладжанов и «третья сила» // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 37-39.

муқовимати мусаллаҳонаи миёни тоҷикон низ ҳанӯз дар оғози ҷанги шаҳрвандӣ ба миён омада буд. Вале, мутаассифона чунин имконият барои тоҷикон танҳо дар соли сеюми ҷанг даст дод. Даври аввали гуфтушуниди байни тоҷикон бо миёнаравии намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис Баллон ва вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия А.Козирев аз санаи 5-ум то 19-уми моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Москва сурат гирифт. Даври аввали гуфтушуниди миёни тоҷикон, ки дар шароити ниҳоят вазнин сурат гирифта буд, барои баргузор гардидани даврҳои баъдӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар маҷмуъ, 8 даври гуфтушуниди миёни тоҷикон ва якчанд вохӯрӣ дар сатҳи олӣ – миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмонов ва роҳбари иттиҳоди мухолифин С.А.Нурӣ баргузор шуданд. Бояд таъкид кард, ки музокироти байни тоҷикон, ки дар тӯли солҳои 1994 – 1997 сурат гирифта буданд, асосан бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус бо ҷиду ҷаҳд ва талошҳои пайвастаи Сарвари давлати тоҷикон ва бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, аз ҷумла СММ ва давлатҳои кафили минтақа – Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эрон, Афғонистон ва Покистон амалӣ гардидаанд. Боиси хушнудист, ки музокироти мазкур бо ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар санаи 27 – июни соли 1997 дар шаҳри Москва анҷом пазируфтанд.

Диссертант қайд менамояд, ки масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон ва мавзӯоти мухталифи он дар асарҳо, суханрониҳо ва Паёмҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон[127] хеле дақиқназарона таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Маҳз Сарвари давлати тоҷикон ташаббускори асосии роҳандозии Консепсияи ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон буда, тамоми нерую заковат ва сабру субoти хешро баҳри истиқрори сулҳи комил дар Тоҷикистон равона намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар радифи Президенти кишвар дигар олимон, аз ҷумла муаррихон, сиёсатшиносон ва ҳуқуқшиносон низ дар инъикоси раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон бахри истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ саҳм гузошта, таҳқиқоти зиёд анҷом доданд. Дар ин самт бахусус

[127] Рахмонов, Э. Ш. Юбилей независимости и второй форум таджиков / Э. Ш. Рахмонов – Душанбе, 1993; Рахмонов, Э. Ш. Таджикистан на пороге будущего / Э. Ш. Рахмонов // Сборник выступлений Президента РТ в СМИ России. – М., 1997; Рахмонов, Э. Ш. Наша цель – национальное единство / Э. Ш. Рахмонов. – Душанбе, 1997; Рахмон, Э. Ш. Таджики в зеркале истории / Э. Рахмон. – Душанбе: Ирфон, 2006.

асарҳои Р.Масов[128], А.Достиев[129], И.Усмонов[130], Е.Белов[131], С.Махонина[132], В.Бушков ва Д. Микулский[133], Р. Абулҳаев[134] К.Абдулов[135], Ш.С.Саъдиев[136] ва дигаронро, ки дар онҳо лаҳзаҳои муҳимми раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдат инъикос гардидаанд, ёдрас шудан бомаврид аст.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки раванди гуфтушуниди байни тоҷикон дар як қатор тадқиқот, аз ҷумла «Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон)»[137], асарҳои И.Усмонов[138], М.Тоштемиров ва З.Саидов[139] ботафсил дарҷ гардидаанд. «Роҳи сулҳ» характери таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ дошта, дар он ҳуҷҷатҳои муҳим оид ба раванди гуфтушунидҳои миёни тоҷикон гирд оварда шудааст. Таҳқиқоти И.Усмонов, М.Тоштемиров ва З. Саидов асосан ба муноқишаи байни тоҷикон, раванди гуфтушунидҳо, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, инчунин нақши Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои ИДМ дар дастёбӣ ба сулҳу суббот бахшида шудаанд.

---

[128]Масов, Р. Евразия – наш общий дом в СНГ / Р. Масов // Актуальные проблемы историографии и истории таджикского народа (Статьи и выступления). – Душанбе: Пайванд, 2005. – С. 244-250.
[129] Достиев, А. Аз худ натвон гурехтан. Маҷмӯи мақолаҳо, сӯҳбатҳо, баромадҳо ва ёдномаҳо / А. Достиев. – Душанбе: Адиб, 2001. – 204 с.; Достиев, А. Тоҷикистон – шикастанҳо ва бастанҳо / А. Достиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.; Достиев, А. Ситораи ғолиб / А. Достиев. – Душанбе: Матбуот, 2006. - 159 с.
[130] Усмонов, И. Сулҳнома / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. - 552 с.; Усмонов, И. Соли Набиев / И. Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с.; Усмонов, И. Чор рӯз ва рӯзҳои дигар / И. Усмонов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 336 с.; Усмонов, И. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир / И. Усмонов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 106 с.
[131]Белов, Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993 – 1997гг.) / Е.В.Белов. - Душанбе: Шарқи озод, 1998.- 156 с.
[132] Махонина, С.В. Военно – политическое сотрудничество Таджикистана и России (1994-1997гг.) / С.В.Махонина. - Душанбе, 1998. – 168 с.
[133] Бушков, В. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994гг.) / В.Бушков, Д. Микульский. – М., 1994. - 310 с.
[134] Абулҳаев, Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р.Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С.47-110.
[135] Абдулов, К. Роҳи беҳбуд / К. Абдулов. – Душанбе, 1995. – 175 с.; Абдулов, К. Бахти таърихӣ. Эҳдо ба 10-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон / К. Абдулов. – Душанбе, 2001. – 40 с.; Абдулов, К. Дар ин дунё. Давлат ва давлатдорӣ / К. Абдулов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2000. - Ҷ. 5. – 425 с.; Абдулов, К. Дар ин дунё. Иҷлосияи сарнавиштсоз / К.Абдулов.– Хуҷанд: Ношир, 2002.–Ҷ.6.– 438 с.
[136] Саъдиев, Ш.С. Таджикистан: путь к миру и согласию / Ш.С.Саъдиев. - Душанбе, 2002. – 28 с.; Саъдиев, Ш.С. О некоторых особенностях «таджикской» модели урегулирования внутренних конфликтов. Таджикистан и современный мир / Ш.С.Саъдиев // Вестник Центра стратег. исслед. при Президенте РТ. - 2004. - № 1(4). – С.37-38.; Саъдиев, Ш.С. Аз таҷрибаи таърихии музокироти тоҷикон оид ба сулҳсозӣ дар Тоҷикистон / Ш.С.Саъдиев // Осор. Ҷилди 4. – Душанбе, 2017. – с. 419-475.
[137] Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон). – Душанбе, 1997. – 236 с.
[138] Усмонов, И.К. Роль международных организации в развитии мирного процесса в Таджикистане / И. К. Усмонов // Материалы 3-ой международной научно-практической конференции «Интеграция Таджикистана в мировое сообщество». – Душанбе, 1997.
[139] Тоштемиров, М. Дорогой мира и согласия / М. Тоштемуров, З. Саидов.– Душанбе, 1997.–152 с.

Масоили марбут ба гуфтушуниди байни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, фаъолияти КОМ дар таҳқиқоти Н.Салимов[140], М.Тоштемиров ва З.Саидов[141], С.Фаттоев[142] низ инъикос гардидаанд. Муҳаққиқони мазкур ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми асри XX Тоҷикистонро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, саҳми созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ – СММ, САҲА ва давлатҳои кафили минтақа - Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эрон, Афғонистон ва Покистон ро дар танзими мунокишаи байни тоҷикон нишон додаанд.

Ҳамин тавр, раванди гуфтушуниди байни тоҷикон, марҳилаҳои асосии он, вохӯриҳои сатҳи олӣ ва билохира ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, инчунин татбиқи шартномаҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки марҳалаи охирини дастёбӣ ба сулҳи комил маҳсуб меёбад, дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир ба ҳисоб меравад. Бояд зикр кард, ки чунин механизми дастёбӣ ба сулҳу салоҳ дар мунокишаҳои  низомии шаҳрвандӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ кам ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, ин раванд ба объекти таҳқиқоти муаррихон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва мутахxасисони ватанӣ ва хориҷӣ табдил ёфта, ин таҷриба дар низоъҳои шаҳрвандии аксар кишварҳои ҷаҳонӣ васеъ истифода мегардад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **- “Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва тадқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ»** дараҷаи инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Зимни баррасии масоили мазкур диссертант дар такя ба таҳқиқоти М. Холмуродова қайд менамояд, ки “раванди танзими низои сиёсии байни тоҷикон ва оштии миллии ҷонибҳои даргирро бе фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Зеро аз рӯзҳои аввали баргузории гуфтушунидҳо ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар доираи фаъолияти комиссияҳои якҷоя ҳаллу фасл намудани мушкилоти дар мамлакат ҷойдоштаро дар маркази диққат қарор дода буданд. Ташкили комиссияҳои муштарак имкон медод, ки ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар ҳайати онҳо ба таври баробар шомил гардида, масъалаҳои мавҷударо беғаразона ва бо дарназардошти манфиатҳои тарафайн баррасӣ намоянд ва роҳҳои хубтару беҳтари ҳалли онҳоро пайдо созанд”.[143]

Масоили марбут ба фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, зарурати таъсис ёфтани он, рисолати таърихии ин ниҳод, зергурӯҳҳои амалкунанда ва вазифаҳои онҳо дар адабиёти зиёди илмӣ, пеш аз ҳама, дар ҷилди шашуми

---

[140] Салимов, Н. Фалсафаи давлати миллӣ / Н.Салимов. - Душанбе, 2000. – 135 с.

[141] Тоштемиров, М. Президент Рахмонов: человек и политик / М.Тоштемиров, З.Саидов. - Алма-Аты, 1997. - 79 с.

[142] Фаттоев, С. Социально-политические конфликты в современном обществе (Опыт Таджикистана) / С.Фаттоев. - Душанбе, 2001. - 127 с.

[143] Холмуродова. М. Таърихи раванди оштиии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001): автореф. дисс. номзади илмҳои таърих: 07.00.02 / М. Холмуродова. – Душанбе, 2020. – С.20.

«История таджикского народа» (“Таърихи халқи тоҷик”)[144] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[145], инчунин монографияҳои алоҳида ва рисолаҳои илмии мутахассисони соҳа амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқу таҳлил гардидаанд.

Диссертант зикр менамояд, ки муҳаққиқон ва коршиносони соҳа, бешубҳа, ба масоили фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, сохтор, зергурӯҳҳо, вазифаҳо ва рисолати таърихии ин ниҳод таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни масоили мазкурро инъикос намудаанд. Бо вуҷуди ин, дар инъикоси фаъолияти КОМ ҳанӯз ҳам масоили ҷиддии ҳалталаб мавҷуданд. Ба андешаи диссертант то кунун ба гардиши илмӣ ворид нагардидани ҳуҷҷатҳои зиёд аз бойгонии КОМ аз ҷумлаи чунин масоили ҳалталаб маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, бо кӯшишу дастгириҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сардори мухолифини тоҷик А.Нурӣ комиссияҳои муштарак оид ба паноҳандагон, муҳоҷирони маҷбурӣ ва дигар комиссияҳои фаврии оштии миллӣ созмон дода шуд. Комиссияҳои мазкур зарурияти таъсис додани чунин гурӯҳҳои кориро дарк намуда, раванди таъмини оштии миллиро то ҷое таъмин намуда тавонистанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **- “Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат»** масоили инъикоси таърихи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, фарҷоми усули роҳбарии яккаҳизбӣ ва ҷорӣ гардидани бисёрҳизбӣ, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ҳамоишҳои омавӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ, музокироти миёни тоҷикон ва дастёбӣ ба сулҳу субот дар асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Зимни баррасии масоили мазкур муҳаққиқ қайд менамояд, ки бозтоби илмии лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози таърихи тоҷикон дар асарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷассуми равшан дорад. Арзиши таърихии асарҳои Пешвои миллат, пеш аз ҳама, аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки он паҳлуҳои мухталифи худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳёи хотираи таърихии тоҷиконро дар оинаи таърих инъикос намудааст. Нуқтаи дигаре, ки арзиши илмии онҳоро меафзояд, инъикоси воқеии ҳаводиси сиёсии охири асри XX, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди сулҳи тоҷикон ва наҷоти ватану миллат аз парокандагӣ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бахусус таърихи пурпечутобу фоҷиабори солҳои 90-уми асри XX, аз ҷумла таҳаввулоти сиёсӣ, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ба даст омадани истиқлоли давлатӣ, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдат дар меҳвари

---

[144]История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011. – Т.6. - С. 457-487.

[145]Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири Акрамӣ З.И. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 48-126.

тавассуҳи Сарвари давлат қарор дошта, дар асару суханрониҳои ӯ тадқиқ ва инъикос гардидаанд.

Масоили марбут ба роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон ва дар партави он таъсис ёфтани ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, зуҳури озодандешӣ ва худогоҳии миллӣ ва билохира, пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст омадани Истиқлолият, “қабл аз ҳама дар гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[146] ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд”[147].

Ба андешаи Сарвари давлат, «Истиқлолият неъмати бисёр азиз ва ширину ба ҷон баробар аст. Ҳар миллату ҳар давлат барои он мубориза мебарад, зеро истиқлолият ифтихор, осоишу оромӣ, ормонҳои накӯкорию сари баланди ҳар як шаҳрванд мебошад»[148].

Баъд аз таҳлили адабиёти мавҷуда ва дар такя ба таҳқиқоти муҳаққиқон – Ҷ. Мирзоев ва М. Равшанзод диссертант қайд менамояд, ки “дар инъикоси солҳои аввали даврони истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), сабабҳо, рафт ва оқибатҳои мудҳиши он, пеш аз ҳама, гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[149] манбаъи муҳим ва хеле арзишманд маҳсуб меёбанд»[150]. Ба андешаи диссертант Сарвари давлат ҳанӯз 31 декабри соли 1992 зимни суханронии хеш вазъи вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоиеро, ки Тоҷикистони азизро фарогир буд, чунин ифода карда буданд: «Нерӯҳои иғвогар зери шиорҳои зоҳиран демократӣ, вале амалан моҷароҷӯёна коре карданд, ки Ватани хурдакаки моро ба вартаи нобудӣ расонданд. Хавфи пора-пора шудан, решакан гардондани халқи мо аз имкон берун набуд. На танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияҳову қишлоқҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра

---

[146] Раҳмон, Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Раҳмон, Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳѐи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

[147] Мирзоев, Ҷ. Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол: дисс. номзади илмҳои таърих: 07.00.09 / Ҷ. Мирзоев. – Душанбе, 2020. – С.22.

[148] Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

[149] Раҳмон, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ: Иборат аз се ҷилд /мураттиб С.Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷилди 1. (1992, ноябр – 1996, август). – 512 с.; Рахмон, Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон, Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳѐи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Рахмон, Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель», 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с.

[150] Равшанзод, М. Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон / М. Равшанзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - №3/1 (194). – С. 65-68.

арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд»[151].

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои миллати тоҷик ҳуҷҷати ниҳоят муҳим ва сарнавиштсоз маҳсуб меёбад, ки аз ин таҳлили раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам мухолиф ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, инчунин сулҳу суботи баъд аз имзои созишнома тадриҷан кишварро фарогиранда баръало дарак медиҳанд. Бояд таъкид кард, ки ба имзо расидани ин ҳуҷҷати тақдирсоз миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз вартаи нобудӣ раҳо бахшид. Гузашта аз ин, дар раванди ба даст овардани оштии миллӣ мардуми куҳанбунёди соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни Тоҷикистон дарк намуданд, ки муқовимати мусалаҳонае, ки ҷомеаи онҳоро фаро гирифтааст, ҷанги таҳмилӣ буда, ба манфиати онҳо нест ва ба ҷуз аз харобиву вайронӣ ва бадбахтию ҷаҳолат чизе ба бор нахоҳад овард. Ин нукта дар паёми табрикии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи таҷлили сеюмин солгарди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ хеле равшан инъикос ёфта буд: «Омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дӯстнавозии азалии ин мардум вобаста аст. Аз оғоз то анҷоми даргириҳо ҳар як фарди миллатдӯсту бедордили тоҷик дар қалби хеш фақат як орзу мепарварид: сулҳу салоҳ ва бо ин васила ба ҳам овардани миллату раҳоии давлати миллӣ аз парокандагӣ ва шикасти ногузир. Ин аст, ки мо бо ифтихор ва сарфарозӣ мегӯем: ҳарчанд, ки душманони миллат оташи ҷангро дар кишвари мо барангехтанд, халқи баору номус, ватандӯст ва сулҳпарвари тоҷик тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ забонаҳои оташи ҷангро хомӯш кунад, Ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, гурезаҳои сарсонро баргардонад ва ба ободонии мамлакат камар бандад»[152].

## ХУЛОСА

### 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тавр, таҳлил ва баррасии сарчашмаҳо, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин маводи матбуоти даврӣ роҷеъ ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва марҳилаҳои расидан ба сулҳу субот моро водор месозад, ки ба чунин хулосаҳо бирасем:

Дар заминаи сиёсати “бозсозӣ”-и Горбачёвӣ, ки аз моҳи апрели соли 1985 роҳандозӣ гардид, ҳаракатҳои миллӣ, гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ, истиқлолиятхоҳӣ ва матбуоти озод ба вуҷуд омаданд, ки ба вазъи сиёсии Тоҷикистон бетаъсир намонданд. Дар натиҷаи ин таҳаввулоти сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳизбу созмонҳо, аз қабили «Растохез», «Ҳизби наҳзати ислом», «Ҳизби демократии Тоҷикистон», созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи

---

[151] Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 18-19.

[152] Паёми табрикӣ ба муносибати сеюмин солгарди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ. ш.Душанбе, 26-уми июни соли 2000. [Маводи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/9635 (санаи истифодабарӣ: 05.02.2021).

«Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон, «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайраҳо таъсис ёфта, боиси нооромии сиёсии кишвар гардиданд. Ҳизбу созмонҳо вазъи буҳронии оммавиро дар ҷумҳурӣ аз ноуҳдабароии Ҳизби Коммунистӣ ва роҳбарони Ҳукумат дониста, бо ҳар баҳона ба хотири ба даст овардани хокимият ба фишороварии Ҳизби Коммунистӣ ва роҳбарияти ҷумҳурӣ даст заданд, ки барои ба вуҷуд омадани қувваҳои мухолифи худ дар оянда замина гузоштанд [4 – М; 9 – М].

Воқеаҳои феврали соли 1990 яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX маҳсуб меёбад. Гирдиҳамоиҳои феврали соли 1990 аз ҷониби созмони мардумии «Растохез» ва Ҳизби наҳзати ислом бо мақсади амалӣ намудани накшаҳои худ ва беобрӯ кардани Ҳизби коммунист анҷом дода шуда, бахри сар задании ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (5 майи соли 1992 – 27 июни соли 1997) замина гузоштанд [4 – М; 9 – М].

Умуман, воқеаҳои феврали соли 1990, ба назари мо рӯйдоди нангине маҳсуб меёбанд, ки бо мақсади намоиши нерӯ аз ҷониби ҷабҳаи бо ном «демократӣ» матраҳ шуда буданд. Ин нерӯҳои бо ном «демократӣ» бо назардошти ҳадафҳои сиёсии хеш воқеаҳои февралиро тарҳрезӣ намуда, мақсади касби обрую нуфуз дар ҷомеа, ғалаба дар интихоботи навбатии депутатҳои Шӯрои олии Тоҷикистон ва билохира, ба даст даровардани ҳокимияти сиёсиро доштанд [4 – М; 9 – М].

